«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, доктори илмҳои филологӣ,
_______________Шарифзода Ф.
«___»_________с.2024.

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба рисолаи диссертатсионии Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома”-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» ба банди 4-уми бахши “Соҳаҳои таҳқиқот”-и шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

Носири Хусрави Қубодиёнӣ (1004-1088 м.) яке аз мутафаккирони машҳури адабиёти асри XI форсии тоҷикӣ мебошад. Ба муносибати ҳазораи Носири Хусрав тамоми мероси адабияш дар Тоҷикистон нашр шудааст. Аз ҷумла, «Сафарнома»-и ӯ дар Тоҷикистон чанд бор интишор ёфтааст.

Охирин чопи он, ки аз ҷониби Сунннатулло Ҷонбобоев сурат гирифтааст, матни нисбатан комил мебошад. Бо вуҷуди он ки дар бораи рӯзгору осори Носири Хусрав дар Тоҷикистон корҳои зиёди таҳқиқӣ анҷом дода шудааст, вале хусусиятҳои ғоявию бадеии «Сафарнома»-и ӯ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъи номбурда имкон медиҳад, ки оид ба ташаккули жанри сафарнома дар ҷузъиёт ва раванди таҳаввули насри форсии тоҷикӣ дар куллиёт, аҳаммияти илмӣ ва адабии «Сафарнома»-и Носири Хусрав, мухтассоти ғоявию бадеӣ ва нақди матни ин асари машҳури шоиру мутафаккири тоҷик тасаввуроти комил ва возеҳ пайдо шавад. Албатта, ба аҳли илм маълум аст, ки дар бораи ин асар ба таври иҷмолӣ дар пажӯҳишҳои марбут ба таърихи адабиёти асри XI муруре шудааст, вале то кунун вобаста ба хусусиятҳои ғоявию бадеии он тадқиқоти алоҳида ва монографӣ ба вуҷуд наёмадааст. Аз ин зовия,

таҳқиқи чунин мавзуъ барои адабиётшиноси зарур буда, мавзуъ ва тарҳи масъалагузорӣ дуруст интихоб шуда, муҳимтар аз ҳама, мавзуи мубрами илмӣ ва шоистаи таҳқиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Тартиб ва сохтори умумии диссертатсия, мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навовариҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назарию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаю натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуктаи назари диссертантро нисбат ба мавзуи таҳқиқшаванда инъикос мекунанд. Саҳми шахсии муаллиф, ҳамчунин, дар омӯзиши назариёти донишмандони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу таҷзия ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Диссертант вобаста ба мавзуи диссертатсия 8 мақола таълиф кардааст, аз ҷумла 4 мақолаи он дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ интишор шудаанд, гувоҳи саҳми ӯ дар ин риштаи илм мебошад.

Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ нишондиҳандаи саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст. Муаллиф дар таҳияи диссертатсия аз равишҳои илмии таҳқиқи таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлили сохторӣ ва омориву тавсифӣ истифода бурдааст.

Диссертант дар баробари таҳқиқи хусусиятҳои ғоявию бадеии «Сафарнома»-и Носири Хусрав, инчунин ба масъалаҳои муайян намудани ҳунари чеҳранигорӣ, мушаххас намудани мавқеи санъатҳои бадеӣ ва нақши ноқил дар асари мавриди гуфтугӯ диққати ҷиддӣ додааст.

Бар ин мабнӣ, метавон гуфт, ки диссертатсияи аз ҷониби Самиев Ҷумахон Саймуродович таълифшуда бо дарназардошти дастабандии мураттаби мавзуоти баррасишаванда, тарҳи мантиқан муназзами бобу зербобҳои диссертатсия ва меҳварҳои аслии барои дифоъ пешниҳодшаванда, бо равишҳои тозаву дидгоҳҳои нави илмӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор додани масоили мавриди баҳс, пажӯҳишу таҳқиқи муфассали жанри сафарномависӣ дар заминаи «Сафарномаи»-и Носири Хусрав қобили арзиш ва шоистаи таҳсин аст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович аз муқаддима, се боб, 8 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 190 саҳифаи чопи компютериро дарбар мегирад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия аҳаммияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ мушаххас шудаанд. Дар баробари ин, оид ба объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, сарчашмаҳо ва навовариҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуъ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби аввали рисола «Хусусиятҳои жанрӣ ва таҳриру таҳриф дар матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав»** унвон дошта, аз 3 фасл иборат мебошад. Дар фасли якуми боби аввал, ки «Жанри сафарнома: бадеият ва публицистика» номида шуда, диссертант бо такя ба асари мавриди таҳқиқаш масъалаҳои таърихчаи сафарномависӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ, зуҳри он ҳамчун жанри мустақили наср, хусусиятҳои ёддошт ва аҳаммияти адабӣ, илмӣ ва таърихии асари мазкурро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Диссертант дар ин фасл саъй кардааст, ки ба осори марбут ба ин жанр аз зовияи дигар нигариста, ба мухтассоти сохторӣ ва муҳтавоии сафарнома ҳамчун жанри очерк, ривоят, нома ва ҳикоя бештар таваҷҷуҳ карда, ин паҳлуҳои камомӯхтаи ин жанрро мушаххас намояд.

Гузашта аз ин, ӯ дар рисолаи худ талош кардааст, ки сафарномаро аз буъди жанри бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ низ ба силки таҳқиқ кашида, баъзе масъалаҳои то кунун номакшуфи асари Носири Хусравро равшан созад. Хусусан, ташаххус додани тафаккури бадеии Носири Хусрав дар «Сафарнома», ки аз осори фалсафӣ ва пантеистии ӯ фарқ мекунанд, дар шинохти шахсияти ин мутафаккир ва файласуф аҳаммияти вежа дорад. Аз мулоҳизаҳои шахсии ин муҳаққиқи ҷавон маълум мегардад, ки вориди масъалаҳои илмии мавриди таҳқиқаш мебошад.

Фасли дувуми боби якум **«Нусхаҳои дастнавис, нашрҳои литографӣ ва таҳриру тахриф дар матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав**” ном дошта, роҷеъ ба 5 нусхаи қадимтарини хаттии «Сафарнома” баҳс мекунад. Бино ба навиштаи диссертант, нусхаи хаттии қадима, ки дар Китобхонаи Надваи шаҳри Лакҳнави Ҳинд нигоҳдорӣ шуда, он 27-уми моҳи рамазони соли 1006 ҳ.қ./ 157 м. истинтох шудааст, асоси ҳамаи нашрҳои “Сафарнома»-и Носири Хусрав мебошад, Номи котиби он маълум буда, Муборак Канноҷӣ аст. Диссертант дар натиҷаи муқояса маълум кардааст, ки нусхаи мазбур аз нусхаи Чарлз Шефер 300 сол қадимтар аст. Андозаи саҳафоти нусхаи мазкур 12, 5 ба 21, 5 см. буда, дар ҳар як

саҳифа 15 сатр матн дорад. Сарлавҳаҳо бо тазҳиб ороиш дода шудааст. Дар маҷмуъ, ин нусха аз 180 саҳифа иборат буда, аз лиҳози мушаххас будани санаи истинсох ва маълум будани котиб арзиши баланди илмиро молик аст.

Баъзе аз саҳафоти он бино ба ҳаводиси замон кӯҳнаву фарсуда ва баъзе сатрҳо нохоно шудаанд. Мураттиби ин нусха Муҳаммадризо Таваккулии Собирӣ барои барқарор кардани матни комили китоб боз аз ду нусхаи ёвар бахра бурдааст, ки соли истинсохи он 1691 м. буда, нисбат ба нусхаи Шефер 190 сол қадимтар аст. Ин нусха ҳоло дар Осорхонаи Британиё нигаҳдорӣ мешавад. Нусхаи дигари ёрирасон дар ин нашри «Сафарнома»-и Носири Хусрав истифода шудааст, нусхаи хаттии китобхонаи Деҳлӣ буда, аз ҷониби шоир Ҳоҷӣ Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ тасҳеҳ, танқеҳ ва муқобалаву муқояса шуда, соли 1882 дар Деҳлӣ чопи сангӣ шудааст.

Ҳоҷӣ Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ дар муқаддимаи худ ба ин китоб менависад, ки нусхаи мазкур асоси кори Ҷарлз Шефер мебошад, вале ба таҳқиқи диссертант, нусхаи Ҳусайни Ҳолӣ аз нусхаи таҳиянамудаи донишманди фаронсавӣ Шефер камғалаттар аст.

Илова ба ин, диссертант дар бораи нусхаҳои хаттии «Сафарнома»-и Носири Хусрав, ки аз ҷониби Мирзо Муҳаммад Малик (Бомбай, 1892) ва Зайнулобидин аш-Шараф ас-Сафавӣ (Теҳрон, 1895) ва Ғанизода (Берлин, 1360 қ.) иттилооти судманд меорад, ки ҷиҳати нусхашиносии матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав муҳим арзёбӣ мешавад.

**Дар фасли савуми боби мазкур «Нусхаҳои чопи оммавии асар Ҳамадонӣ»** муаллиф асосан ба ду нашри «Сафарнома»-и Носири Хусрав, ки солҳои 1970 ва 2003 дар Тоҷикистон ба ҳуллияи табъ ороста шудааст, баҳс мекунад. Чопи нахусти «Сафарнома» бо эҳтимоми Холида ва Камол Айнӣ сурат гирифтааст. Нашри дигари «Сафарнома», ки дар таркиби «Куллиёт»-и шоир ҷойгузин шуда, нашри нисбатан комилтар мебошад. Диссертант вобаста ба матншиносӣ ва иштибоҳоти матни «Сафарнома» чунин изҳори назар намудааст, ки ҷолиб мебошад:

1. Дар чопи аввал дебоча нест, аммо дар чопи дувум он барқарор шудааст;
2. Ҳам дар чопи аввал ва ҳам дар чопи дувум ғалатҳои техникӣ ба мушоҳида мерасад.
3. Дар чопи аввал матнҳои арабӣ ҳазф шудааст, вале дар чопи дувум онҳо барқарор шудаанд.

Албатта, кори баргардон, таҳия, тасҳеҳ ва танқеҳи мутуни классикӣ кори душвор буда, аз веростору муҳаррир масъулият, нигоҳ доштани амонати матн ва диққати назарро тақозо дорад.

Боби дувуми диссертатсия **«Сохтор, банду баст ва вижагиҳои муҳтавоии «Сафарнома»-и Носири Хусрав»** номида шуда, ҳовии ду фасл аст. Дар фасли аввал, ки "Мавзуъ ва мундариҷа" ном дорад, диссертант дар хусуси муҳтаво ва моҳияти "Сафарнома" ҳамчун асари ёддоштӣ баҳс мекунад. Асари мазкур минҳайси сохтор аз дебоча ва 20 фасл таркиб ёфта, муаллиф бештар дар бораи дидаҳову шунидаҳояш вобаста ба мамолик ва шаҳрҳои бузурге чун Қоҳира, Макка, Мадина ва Басра ҳикоят мекунад. Сафари Носири Хусрав ба қасди ҳаҷ мебошад, ки онро дар адабиёти форсии тоҷикӣ нахустин асари "ҳаҷнома" низ номидаанд. Бар ин мабно, ӯ дар китоби хеш роҷеъ ба сифати қуббаи Сахра, шаҳри Макка, Масҷид-ул-ҳаром ва Байти Макка, сифати дари Каъба, сифати андаруни Каъба ва сифати кушудани дари Каъба ҳикоёти ҷолибе овардааст, ки чи аз лиҳози аҳаммияти таърихии ин амокини муқаддас ва чи аз ҳайси арзиши адабӣ муҳим мебошад. Илова ба ин, асари мавриди таҳқиқ дар шинохти шигифтиҳои ойинҳои ақвому милали Шарқ, анвоъи ошомиданиву хӯрданиҳо, либосҳои гуногуни миллӣ, хусусиёти меъмории иморатҳо, масҷидҳо, қасру кӯшкҳо ва иқлиму муҳити зист низ аҳаммияти адабӣ дорад. Ин асарро метавон аз нигоҳи ҷомеашинохтӣ низ баррасӣ кард ва тарзи тафаккури мардум ва ҷаҳонбинии онҳоро дар асрҳои миёна омӯхт. Диссертант дар ин фасл саъй кардааст, ки нуктаҳои муҳимми асари мазкурро ба риштаи таҳқиқ кашад ва ба ин то андозае ҳам муваффақ шудааст.

Фасли дувуми боби дувум **«Воқеияти бадеӣ дар асар»** ном дошта, диссертант ба ин бовар аст, ки ҳадафи Носири Хусрав аз таълифи ин асар талқини илму дониш мебошад, бад-ин далел, ки ба ҳар макон, ки сафар карда, дар бораи донишмандону адибон ва фарзонагони он диёр сухан гуфта. Ё ин ки дар бораи чигунагии мазоҳибу адёни онҳо андешаҳои ҷолиб баён дошта, ривоятҳои гуногунро бо ҳам қиёс намуда, ки аз лиҳози мардумшиносӣ аҳаммияти бештар касб мекунад.

Муҳаққиқи ҷавон ба ин натиҷа мерасад, ки дар матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав ба ду масъала бештар аҳаммият дода шудааст, замон ва роҳ. Мушоҳидаҳои муаллифи асар дар бораи урфу одат, маданият, қонунҳои мардумони бо онҳо нишасту бархост ва баҳсу мунозира мекунад, ҷолиб аст. Ӯ онҳоро бо расму ойинҳои мардуми тоҷик муқоиса мекунад, ки аз назари фарҳангшиносӣ низ аҳаммияти хос дорад.

Диссертант бо истифода аз чопҳои оммавии асари Носири Хусрав иштибоҳоти имлоии матни «Сафарнома»-ро (дисс. сс. 23-47) баршумурдааст, ки дар тасҳеҳу танқеҳи он равиши матлуби илмӣ буда, аз диққати назари муаллиф гувоҳӣ медиҳад. Мулоҳизаҳои муҳаққиқ, ки дар ин бахш аксаран дурустанд, дар нашрҳои минбаъдаи “Сафарнома» бояд ба назар гирифта шаванд. Вале, бо вуҷуди ин, аз ҷониби диссертант муқобалаву муқоясаи матни «Сафарнома»-и Носири Хусрав дар таҳияи Суннатуло Ҷонбобоев (Душанбе: Бухоро, 2014), ки нашри охири асари мазкур дар Тоҷикистон мебошад, анҷом дода нашудааст.

**«Хусусиятҳои бадеии “Сафарнома»** номи умумии боби сеюми диссертатсия мебошад, ки аз 3 фасл иборат аст. Дар фасли аввал, ки **«Нақши муаллиф дар асар»** мебошад, муҳаққиқи ҷавон бо истифода аз равиши таҳлилӣ ҷойгоҳи муаллифро ҳамчун ровии «Сафарнома» мушаххас кардааст, ки бисёр ҷолиб мебошад. Дар матни асар ҳузури ровӣ дар шахси муаллиф яке аз шартҳои асосии ҳунари нависандагист. Барои мисол, Носири Хусрав ҳадафи сафари худро ба Макка бо мунозира бо пири ғайбӣ чунин асоснок мекунад: «Шабе дар хоб дидам, ки яке маро гуфт: «Чанд хоҳӣ хӯрдан аз ин шароб, ки хирад аз мардум зоилкунад, агар ба ҳуш бошӣ беҳтар». Ман ҷавоб гуфтам, ки: «Ҳукумо ҷуз ин чизе натавонистанд сохт, ки андӯҳи дунё кам кунад». Ҷавоб дод, ки: «Бехирадӣ ва беҳушӣ роҳате набошад, ҳаким натавон гуфт касеро, ки мардумро ба беҳушӣ роҳате набошад, балки чизе бояд талабид, ки хирад ва ҳушро бияфзояд». Гуфтам, ки «ман инро аз куҷо орам». –Гуфт: «Ҷӯянда ёбанда бошад» ва пас сӯи қибла ишорат кард ва дигар сухан нагуфт». Чун аз хоб бедор шудам, он ҳол тамом бар ёдам буд. Ин насиҳат бар ман кор кард ва бо худ гуфтам, ки «Аз хоби дӯшин бедор шудам, бояд, ки аз хоби чиҳилсола низ бедор гардам» (Сафарнома с. 6, дис. с. 106).

Диссертант ба ин бовар аст, ки дар асарҳои ёддоштие чун «Сафарнома»-и Носири Хусрав қаҳрамони асосӣ муаллиф мебошад ва муаллиф бо иттико ба дигар персонажҳо фабулаи асосии асари хешро ҳамон тавре ки дар пеши худ ҳадаф гузоштааст, месозад. Муаллиф мушоҳидаҳо ва наклу ривоятҳои асари худро метавонад ҳамчун шахси гӯянда (Ман дар ҷавоб гуфтам...) ё шахси ғоиб (Ровӣ чунин гӯяд) изҳор кунад, ки ин амр аз салоҳиятҳо ва ҳуқуқи нависандагии ӯ ба ҳисоб меравад.

Фасли дувуми боби сеюм **«Истифодаи санъатҳои бадеӣ»** ном дорад, ки яке аз фаслҳои муҳимми рисолаи мазкур мебошад. Диссертант дар ин фасл равиши корбасти ороҳои бадеиеро, чун ташбеҳ, ташхис, талмеҳ,

ирсоли масал, суолу ҷавоб, тазодду муқобала, муболиға мавриди баҳс қарор додааст, вале агар бораи моҳият ва ҳадафи онҳо дар «Сафарнома» Носири Хусрав мулоҳиза ронда, иштирокот ва тафовутҳои онҳоро таъйину ташхис мекард, арзиши кораш баландтар мешуд.

Дар фасли севуми боби севум, диссертант дар хусуси **чеҳраҳои фарҳангии** «Сафарнома» баҳс ороста, чеҳранигориро яке аз аслҳои муҳимми асари мазкури Ҳакими Қубодиёнӣ донистааст. Аз ҷумла, яке аз чеҳраҳои барҷастаи адабӣ дар «Сафарнома» Қатрони Табрезӣ мебошад, ки нигоранда мулоқоти худро бо ин шоир ба тафсил нақл кардааст.

Чунин равиш дар ойини чеҳранигории ҳамзамонони Носири Хусрав муҳим буда, дар шиносоии шахсият ва фаъолияти онҳо бештар мусоидат менамояд.

Диссертант дар бахши ихтитоми рисолаи хеш дар 12 банд хулосаҳои худро овардааст, ки ба муқаррароти низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастоварду муваффақиятҳои илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо боиси боз ҳам боло рафтани ҳусни илмии рисола хоҳад гардид. Аз ҷумла:

1. Диссертант дар фасли севуми боби севуми рисолаи худ дар бораи истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар «Сафарнома» баҳси ҷолибе оростааст. Маълум аст, ки дар таърихи адаби форсии тоҷикӣ ҳарчанд муҳассиноти бадеъӣ чи дар назм ва чи дар наср муштараканд, вале бо вуҷуди ин дар масъалаи бутиқои наср якчанд асари тахассусӣ, мисли «Нафоису-л-фунун фӣ ароиси-л-уюн»-и Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ таълиф шудаанд, ки тафовутҳои моҳияти санъатҳои бадеиро дар наср баррасӣ мекунанд. Дар замони мо ҳам дар ин замина рисолаҳои «Фанни наср дар адаби форсӣ» –и Ҳусайни Хатибӣ ва «Назарияи наср»-и Худоӣ Шариф мавҷуданд, мухтассоти бутиқои насрро ба таври ҷудогона ва монографӣ ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Агар муаллифи рисола таҳқиқи худро бо ин равишҳо анҷом медод, арзиши кораш дучанд мешуд.

2. Бо ин ки дар бораи дараҷаи омӯзиши мавзуъ диссертант баҳси муфассал оростааст, вале дар кори худ аз мақолаи арзишманди донишманди тоҷик Нуралӣ Нурзод «Сафарнома»-и Носири Хусрав ва идомаи суннатҳои сафарноманависӣ дар адабиёти форсии тоҷикии Фароруд" истифода набурдааст.

3. Дар диссертатсия баъзе ҷумлаҳое вомехӯранд, ки аз ҷиҳати услуби баён дуруст адо нашудаанд. Барои мисол, ҷумлаи «Дар ганҷинаи

дастнависҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон нусхаҳои хаттии якҷанд аз рисолаҳое, аз қабили «Насабномаи Шоҳ Носир», «Саргузашти Носири Хусрав», будани матнҳои «Рисола дар надомати рӯзи қиёмат», «Сафарномаи Машриқ» ва монанди инҳо нигоҳ дошта мешаванд, ки онҳо ҳам бештар характери тарҷумаҳолӣ дошта, таълифашон ба Носири Хусрав нисбат дода мешавад" (авт, с.7.).

Гоҳе дигар ҳуруфи калимаҳо дар ҷумлаҳо афтода, моҳияти онҳо дуруст фаҳмида намешаванд. Мисол: «Бинобар ин, чори намунаҳо ин фаҳмишро далолат дошт, ки дере нагузашта осори мутафаккир бояд дар шакли баргузида интишор гардад» (ав. с. 7.).

Баъзан як калима дар ҷумла ду бор такрор шудааст, ки аз лиҳози сабк ҳусни онро коҳиш медиҳад. Мисол: «Бисёре аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки «Сафарнома»-и Носир Хусрав барои ошноӣ бо шароити ҷомеаи он замоне ва марказҳои муҳимми тамаддуни исломӣ басо фарогир ва мукаммал буда, аз сарчашмаҳои муҳимми ҷуғрофӣ ва таърихӣ маҳсуб мешавад» (ав. с. 11; дисс. с. 14).

4. Гоҳе дар автореферат иштибоҳоти техникӣ низ ба назар мерасанд (с. 3, 4,5, 6,7, 8, 9, 10 ва ғ.). Иштибоҳоти матни рисола камтар аст.

Бояд гуфт, ки нуқсонҳои мавҷуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он вазифаҳои дар назди худ гузоштаро иҷро кардааст. Бинобар ин, диссертатсияи илмии **Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» таҳқиқи анҷомёфта аст.**

Автореферати диссертатсия ва матолиби интишорнамудаи муаллиф асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Аз 8 мақолае, ки муаллиф навиштааст, ки чор мақолаи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд. Диссертатсия бо муҳиммият, навовариҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқат дорад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ** ба талаботи бандҳои 31, 32, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 4 декабри соли 2024, суратҷаласаи № 11 баррасӣ ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи муштараки шуъба таърихи адабиёт иштирок дошт: 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» –9, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ, д.и.ф. Юсуфов Умриддин

**Эксперт:**
ходими калони илмии
шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон
ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, н.и.ф. Давлатова Холида

**Котиби илмии ҷаласа:**
ходими илмии шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Исматова Зулфия

**Имзоҳои д.и.ф. Юсуфов У. ва н.и.ф. Давлатова Х ва х. и. Исматова З.-ро тасдиқ мекунам:**

Нозири шуъбаи кадрҳои Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии
АМИТ Нарзиқулова Ҳилола

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.
Тел.: +992 (37) 227-29-07, +992 (37) 221-70-30.
E-mail: iza.rudaki@gmail.com
Сомонаи расмӣ: www.izar.tj
“5” декабри соли 2024